ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Қаюмова Мубина Бобоевна

Қаюмова М.Б. факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро соли 2005 хатм кардааст.

Муддати аз соли 1998 дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намудан Қаюмова М.Б. худро ҳамчун мутахассиси босаводу донишманд дар соҳаи забоншиносии тоҷик, махсусан номшиносӣ (ономастика) нишон додааст. Аз соли 2013 то соли 2019 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва аз соли 2021 инҷониб ҳамчун мудири кафедраи забони тоҷикии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият мекунад. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳанӯз аз солҳои аввали кору фаъолияташ ӯ нисбати ному номшиносӣ шавқу завқи зиёд дошта, зимни машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба забони тоҷикӣ аз таҳқиқоту таълифоти олимону муҳаққиқон дар ин соҳа истифода мекард, ки барои минбаъд пеш бурдани таҳқиқоти диссертатсиониаш замина гузоштанд.

Дар маҷмуъ то замони муосир дар забоншиносии тоҷик мавзуи ном ва номгузорӣ дар байни аҳолӣ камтар мавриди таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон қарор гирифтааст. Биноан, муҳаққиқон вазифадоранд, ки тавассути омӯзиши антропонимҳои ҳудудҳои муайян таносуби антропонимҳои таърихиро муқаррар кунанд, ки маҳсули тафаккур ва тахаюли мардуманд. Чунин усули таҳқиқ имконоти васеътаре барои муайяну муқаррар кардани василаю воситаҳои номгузорӣ, омилу сабабҳои интихоби ном, сарчашмаҳои онҳо, таносуби номҳои аслӣ ва иктибосӣ, номҳои аз ҷониби худи муаллифон сохташуда фароҳам меоранд. Бо дарназардошти чунин ҷанбаҳо таҳқиқи таърихӣ - забоншиносии антропонимияи Кӯлоб ва атрофи он, ки дар онҳо тамоми

анвои номҳо мавриди истифода ва корбурд қарор гирифтаанд, аҳамияту арзиши зиёд дошта метавонад.

Бо назардошти мулоҳизаҳои фавқуззикр интихоби мавзуи илмӣ - таҳқиқи антропонимиями яке аз минтақаҳои бостонии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Кӯлоб ва атрофи он саривақтӣ ва пурарзиш буда метавонад.

Қаюмова М.Б. зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ фаъолияти мустақилона ва амиқи пешбурди пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ нишон додааст. Ӯ бархӯрди нав дар таҳқиқи луғати (лексикаи) антропонимӣ ворид намуд ва нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи антропонимияи тоҷиконро дар мисоли яке аз минтақаҳои ҷануби ҷумҳурӣ ба роҳ монд, натиҷаҳои санҷишу озмоиши таҳқиқоти диссертатсионӣ дурустӣ ва эътимодноки нуктаҳои асосии назариявиро собит намуданд.

Зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ Қаюмова Мубина Бобоевна фақат ҷиҳатҳои мусбӣ зоҳир кардааст. Ӯ мулоҳизакор, дорои мустақилияти тафаккур, муҳаққиқи пӯхтарасида буда, қобилияти мушаххасан муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳо, дарку фаҳми бошууронаи масъалаҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада дошта, усулҳои зарурии таҳқиқотро муайян карда метавонад.

Нукта ва ҳолатҳои асосии диссертаттсия дар маърузаҳои унвонҷӯ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҳамасолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2016-2022) ва якчанд таълифоти илмии ӯ инъикос ёфтаанд.

Дар баробари пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Қаюмова Мубина Бобоевна ба тариқи фаъолона ба кори таълимӣ бо мақсади такмили малакаҳои маҳорати омӯзгории худ фаро гирифта шуда, худро ҳамчун омӯзгори донишманд аз рӯйи фанҳои алоҳидаи забоншиносии тоҷик нишон дод.

Дар мачмуъ диссертант Қаюмова Мубина Бобоевнаро метавон ҳамчун кадри илмӣ - педагогӣ арзёбӣ кард, ки қобилияти ҳалли

вазифаҳои гузошташударо дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ арзанда аст.

Ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Мубина Бобоевнаро мусбат ва пурра анҷомёфта арзёбӣ карда, онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ 10.02.01. - Забони тоҷикӣ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи
забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ҷ. Алимӣ

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Ҷумъахон Алимӣ-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.